# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 ноябри соли 2024, таҳти №58

Бораи сазовор донистани Акмалзода Нодирхон Носир, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар таърихи 21.09.2024 сол, суратмаҷлиси №55 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Акмалзода Нодирхон Носир 26-уми августи соли 1983 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2004 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ва соли 2023 Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россияро бо ихтисосӣ идоракунии давлатӣ хатм кардааст.

Аз соли 2005 то соли 2007 коромӯзи коллегияи адвокатҳои вилояти Суғд, аз соли 2007 Ваколатдори калони фаврии бахши 3-и шуъбаи мубориза бо коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии характери коррупсионидоштаи раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз соли 2009 то соли 2010, Муфаттиши калони бахши якуми шуъбаи тафтишоти раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз соли 2010 то соли 2011 Муфаттиши калон оид ба корҳои махсусан муҳимми шуъбаи тафтишоти раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз соли 2012 то соли 2015 Муфаттиши калон оид ба корҳои махсусан муҳимми шуъбаи сеюми раёсати тафтишоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2015 то соли 2017 Сардори шуъбаи тафтишотии раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз соли 2017 то соли 2018 Сардори шуъбаи дуюми раёсати тафтишотии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2018 то соли 2020

Муовини сардори раёсати тафтишотии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2020 то соли 2021 Муовини якуми сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, аз соли 2021 то соли 2022 Сарнозири раёсати таҳлил, иттилоот ва омори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2022 то соли 2023 Сардори бахши ташкили фаъолияти оперативии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз моҳи июли соли 2023 то имрӯз Сардори шуъбаи минтақавии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар водии Зарафшон мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Қудратов Некруз Абдунабиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Одиназода Носир Садир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи нозиротӣ-ташкилии Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбаев Х.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, моливӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (ихтисос: 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, Бобозода Ҷамрод Қурбон. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, моливӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, моливӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р.А. имзо ва аз ҷониби Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Мирҷамолов М.А., дар санаи 04.11.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Акмалзода Н.Н. Таърихи инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар қонунгузории Тоҷикистон (давраи шуравӣ) [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ (маҷаллаи илмӣ), 2022. - №4 [44]. – С.169-174. ISSN: 2305-0535.

2. Акмалзода Н.Н., Шарипов Т.Ш. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷумҳуриҳои пасошуравӣ [Матн] / Н.Н. Акмалзода, Т.Ш. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), 2023. - №12. – С.238-245. ISSN: 2413-5151.

3. Акмалзода Н.Н. Особенности субъекта присвоения и растраты (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / Н.Н. Акмалзода // Вопросы российского и международного права (научный журнал), 2023. - №11. – С. 305-317. ISSN: 2223-5129.

4. Акмалзода, Н.Н. Муқовимат ба коррупсия-омили асосии рушди устувори кишвар тавассути татбиқи чораҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва пешгирикунандаи коррупсия [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятнок ва самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2021. – С. 13-21.

5. Акмалзода Н.Н. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ. [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Маҷаллаи илмӣ-амалии

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Мизони қонун. 2024. - №4. – С.100-106.

**6.** Акмалзода, Н.Н. Дастурамали илми-амалӣ «Оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои марбут ба гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» [Матн] / Бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2020, таҳти №03 тасдиқ шудааст.

**7.** Акмалзода, Н.Н. Содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ [Матн] / Н.Н. Акмалзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2023. – С. 348-355.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонзода И.Ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Эриашвили Н.Д.** – профессори кафедраи ҳуқуқи граждани ва меҳнатӣ, мурофиаи граждании Донишгоҳи ВКД Россия ба номи В.Я. Кикотя и Москва, доктори илмҳои иқтисодӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои таърих.

**Ахмедов Н.И**. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои миқдори зиёди адабиёт ва сарчашмаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои хориҷӣ, вобаста ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шаклҳои алоҳидаи тасарруф ва ҳамзамон, баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо фаро мегиранд, ки мазмуни корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти

илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, тамоюли инкишоф ва амалияи ҳуқуқтатбиққуни марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт;

– **пешниҳод шудааст:** бо назардошти таҳлили маҷмуии аломатҳои таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва судӣ доир ба бандубасти ин кирдор ва коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** дар қонунгузории ҷиноятии аксар давлатҳои пасошуравӣ таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҳам тақрибан монанд ба танзим дароварда шудаанд. Фарқият асосан дар муайян намудани предмети ҷиноят ва муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда ба назар мерасад;

**ҷорӣ намудан.** Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ қисми объекти намудӣ – муносибатҳои моликиятӣ буда, пурра бо он мувофиқ шуда наметавонад. Объекти бевоситаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин муносибатҳои мушаххаси моликиятие мебошанд, ки байни молики мушаххаси молу мулк ва шахсони дигар, ки ӯҳдадоранд доираи ҳуқуқҳои молу мулки ӯро халалдор насозанд, ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳо ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода мёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба

такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи муносибаҳои моликиятӣ ҳангоми татбиқи м. 245 КҶ ҶТ дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошт**а метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳо ва муқобили моликият, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо истифода шавад.

– **баён шудани** рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мубориза бо он, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва амалияи судӣ-тафтишотӣ ва оморӣ саҳми назаррас дошта бошанд;

–**ошкор гардидани** матни эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ бо матни забони русии он мувофиқат намекунад. Чункӣ, дар матн бо забони русӣ ибораҳои «изъятие и (или) обращение» омадааст, ки тарҷумаи тоҷикии он бештар бо «гирифтан (ситонидан) ва (ё) гузаронидани (табдил додан) « мувофиқ мебошад. Аз ин руй пешниҳод мешавад, ки дар қ. 1 эзоҳи м. 244 КҶ ҶТ ибораҳои «гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр» бо ибораҳои «гирифтан ва (ё) гузаронидани молу мулки ғайр « иваз карда шавад, ки ин бештар бо матни он бо забони русӣ мувофиқ мебошад;

– **омӯхта шуданд:** қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, таҳлили азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ, аломатҳои объективию субъектиивии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ;

– **аз нав такмил додан:** Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи истифодаи сарфакорона ва мақсадноки қувваи барқ, гази табиӣ ва дигар намуди энергия, дар ин асно доктрина ва низоми ҳуқуқии миллии амалкунандаро халардор накарда, пешниҳод намудани варианти алтернативӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла, барои бо роҳи фиреб ва сӯиистифодаи боварӣ ғайриқонунӣ истифода намудани қувваи барқ, гази табиӣ, гармӣ ва дигар намуди энергия» ҳамчун ҷинояти алоҳида ба муқобили моликият ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шуда, ин масъала зимни дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ карда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ истифода шаванд, инчунин, дар фаъолияти илмӣ-амалии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия, дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки ба сифати субъекти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ эътироф намудани танҳо шахсони ҷавобгарии моддидошта доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкориро дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ маҳдуд месозад. Бинобар ин, субъекти ҷинояти мазкур мумкин аст, шахси алоҳида низ эътироф шавад, ки мутобиқи шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ нисбат ба молу мулк аз молик ваколатҳои муайян гирифта бошад. Чунин шахс мумкин аст корманди ин ё он ташкилот ба ҳисоб нарафта, молу мулк ба ӯ дар асоси шартномаи боркашонӣ, нигаҳдорӣ, иҷора ва ғайра бовар карда супорида шуда бошад;

– **офарида шуд:** Бо дарназардошти хавфнок будани ҷиноятҳо марбут ба тасарруфи молу мулки давлатӣ, ки бештар аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир карда мешавад, зарурати пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ ба миён омадааст. Аз ҷумла, дар марҳилаи аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содиршуда аз қ. 2 ба қ. 3 м. 245 КҶ ҶТ гузаронида шавад;

– **муаррифӣ карда шуд:** Барои равшан намудани мафҳуми «молу мулки дар ихтиёрбуда» дар м. 245 КҶ ҶТ калимаҳои «...ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошад» бо ибораи «...ё дар ихтиёрдории ташкиливу амрдиҳӣ ё маъмуриву хоҷагидории ӯ мебошад» иваз карда шавад;

– **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Аз сабаби он ки азонихудкунӣ ва исрофкорӣ шаклҳои мустақили тасарруф мебошанд, бинобар ин бо мақсади тафовути ҷавобгарии ҷиноятӣ, фарқ кардани ҷиноятҳои мазкур аз ҳамдигар ва аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар сатҳи қонунгузорӣ таркиби мазкури ҷиноятҳо дар моддаҳои алоҳидаи боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳакам карда шавад: м. 245 «Азонихудкунӣ» ва м. $245^1$ «Исрофкорӣ».;

– **ғоя асоснок шудааст**, ки бо мақсади аз ҳам ҷудо намудани такрорӣ ва ретсидиви ҷиноят пешниҳод менамоем, ки қ. 1 м. 19 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар шавад: такрори ҷиноят дар вақти гуногун содир намудани

ду ё зиёда ҷиноятҳое эътироф мешавад, ки дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда, барои ҳеҷ кадоми он шахс маҳкум нашуда бошад, ё танҳо барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда маҳкум гардида бошад. Ҷойгир намудани маҳкумшавӣ барои ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ содиршуда дар таърифи такрорӣ;

–**муайян шудаанд:** аз таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ муайян шудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аломати вазнинкунандаи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» ҷой надорад. Чунки дар он моддаи алоҳида (м. 210) ба тасарруф бо роҳи сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ бахшида шудааст, яъне ба даст овардани молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ содир шудааст, бахшида мешавад. Чунин мавқеи қонунгузории Ҷумҳурии Белорус асоснoктар ба назар мерасад, зеро тасарруфе, ки аз тарафи хизматчиён (пеш аз ҳама шахсони мансабдор) содир мешавад ба ҷамъият хавфнокии бештар дорад, назар ба чунин кирдорҳои аз ҷониби шахсони алоҳида содир мешаванд;

– **истифода карда шуданд:** Конститутсия, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Дар баробари ин, асоси таҷрибавии таҳқиқоти рисола қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра барои рисола истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, масоили танзими ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва мубориза бо он, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 30 ноябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Акмалзода Нодирхон Носир дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси

диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**

**30-юми ноябри соли 2024**